**Нишондодҳо барои тартибдиҳии шакли № 1-хусусигардонӣ (семоҳа-солона) «Ҳисоботи хусусигардонии моликияти давлатӣ»**

Ҳисоботи мазкурро мақомоти ҳудудии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ба мақомоти омори маҳалли ҷойгирифтаашон ва ҳисоботи ҷамъбастиро Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ба Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон на дертар аз санаи 10 баъди давраи ҳисоботӣ ва ҳисоботи солонаро санаи 1 феврал пешниҳод менамоянд.

Ҳисобот аз рӯи ҷамъбасти афзоянда тартиб дода мешавад. Маълумотҳои дар шакли ҳисоботӣ овардашуда аз рӯи моликияти ҷумҳуриявӣ ва моликияти коммуналӣ ҷудо карда мешавад. Инчунин моликияти ҷумҳуриявӣ ва коммуналӣ аз рӯи соҳаҳо тақимбандӣ карда мешаванд.

Дар сутунҳои 1 то 6 моликияти ҷумҳуриявӣ маълумотҳо корхонаҳо, аз он ҷумла объектҳои ғайримустақил, хусусигардонӣ аз рӯи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, моликияти шахсӣ ва шумораи дар рӯхатбудаи кормандон нишон дода мешавад.

Дар сатрҳои 7-12 моликияти коммуналӣ бо чунин тақсимот нишон дода мешавад.

Маълумот оид ба арзиши амволи хусусӣ гардонидашуда аз рӯи моликияти ҷумҳуриявӣ ва моликияти коммуналӣ бо нишон додани нархи ибтидоӣ, нархи фурӯхташуда ва воридоти маблағ ба буҷет аз ҳисоби хусусигардонӣ дар чадвали алоҳида оварда мешавад.